# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ)**

Таърихи инсоният ба таври возеҳ нишон дод, ки маориф чун соҳаи арзишманду афзалиятнок дар ҳаёти ҷомеа пураҳмият ва такдирсоз мебошад. Фардои ҳар халқу миллат ва такомулу ободии ҳар кишвар ба соҳаи маориф пайванди зичу ногусастанӣ дорад.

Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021) барои пурра омӯхтани таърихи ин давраи халқи тоҷик накши ҷиддӣ хоҳад гузошт, зеро таърихи умумии ҳар як миллату давлат маҳз дар натиҷаи ҷамъбаст намудани таҳқиқот ба даст меояд. Дар давраи таҳқиқшаванда  дигаргуниҳои ҷиддӣ дар сохтори сиёсӣ ва мадании ҷумҳурӣ ба вуқуъ пайвастанд, ки боиси тағйир ёфтани низоми сиёсӣ, иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва мадании кишвар гардиданд. Дар натиҷаи ин дигаргуниҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз ҷумҳуриҳои инкишофёфта дар соҳаи маориф ва маданият дар арсаи байналмилалӣ табдил ёфт.

Аз ин лиҳоз, ислоҳоти соҳаи маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба пешрафти ҷомеаи навини халқи тоҷик мусоидат карда, ба риштаи таҳқиқ кашида шудани он аз тарафи докторант Каримзода М., масъалаи ниҳоят ҷиддӣ мебошад.

Зеро ислоҳоти соҳаи маориф солҳои дар Тоҷикистон (1991–2021) бо шароити мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амалӣ гардид. Аз як тараф, гузариш ба иқтисоди бозорӣ, тағйири сохтори идоракунии давлатӣ ва таъсири равандҳои ҷаҳонӣ, ва аз ҷониби дигар, зарурати мутобиқ намудани низоми таълим ба талаботи нави ҷомеа ва бозори меҳнат, масъалаи таҷдиди куллии муассисаҳои таълимиро ба миён овард.

Маҳз дар ҳамин давра низоми маориф марҳилаҳои муҳими тағйиротро аз муассисаҳои томактабӣ то таҳсилоти олӣ ва касбӣ аз сар гузаронд.

Аҳаммияти мавзуъ, дар он зоҳир мегардад, ки дар раванди ислоҳоти соҳаи маориф шаклҳои нави муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, муассисаҳои ғайридавлатӣ, литсейҳо, гимназияҳо, мактабҳои хусусӣ ва ҷорӣ намудани низоми таълими салоҳиятнокӣ ва низоми кредитии таҳсилот ба вуҷуд омаданд. Ин равандҳо на танҳо мазмуну мундариҷаи таълим, балки сифати таҳсил, усулҳои идоракунӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисосро ба таври ҷиддӣ тағйир доданд.

Бо назари мо ҷанбаи муҳими диссертатсия дар он аст, ки таҳлили нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул, ислоҳот ва рушди низоми миллии маориф бо факту рақамҳо асоснок гардидааст. Таваҷҷуҳи доимии роҳбарияти олии давлат ба масъалаҳои маориф, инъикоси онҳо дар паёмҳо, барномаҳо ва санадҳои стратегӣ, инчунин ташаббусҳои амалӣ дар самти баланд бардоштани сифати таълим ва таҳкими пойгоҳи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, соҳаи маорифро ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил додааст.

Рисола, бо усулҳои таърихият, аёният, таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлил, мушоҳида, дедуксия, индуксия ва монанди онҳо таълиф гардидааст. Ҳамчунин, асоси таҳқиқотро усули проблемавӣ - хронологӣ ташкил медиҳад. Он имконият додааст, ки бартариҳои раванди ислоҳоти низоми маорифро, ки дар арсаи байналмилалӣ маҳаки асосии пешрафти ҳаёти иқтисодию иҷтимоии кишварҳо мегардад ва дар низоми маорифи пешрафтаи давлатҳои Аврупо, Амрико ва Федератсияи Россия ҷорӣ гардидааст, муайян намоем.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки диссертатсия бори нахуст дар асоси маъхазҳои дасти аввал, махсусан, асноду ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ, маводи бойгонӣ, матбуоти даврӣ ва таҳқиқоти олимони соҳа дар илми таърихи ватанӣ, таълиф шудааст.

Дар диссертатсия рушди муассисаҳои томактабии ғайридавлатӣ, вазъи муассисаҳои миёнаи умумӣ, фаъолияти муассисаҳои хусусӣ, литсейҳо ва гимназияҳо, хусусиятҳои хоси низоми таълими салоҳиятнокӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, вазъи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ  дар замони Истиқлол, сифати таълим ва таъмини кадрии муассисаҳои таҳсилоти  ибтидоию миёнаи касбӣ дар равияҳои омӯзгорӣ, тиббӣ, техникӣ, технологӣ, кишоварзӣ, фарҳанг, ҳуқуқ ва варзиш дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф,  сатҳи омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи омӯзгорӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, дар раванди ислоҳоти соҳаи маориф, раванди ислоҳоти фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар  Тоҷикистони соҳибистиқлол мавриди таҳқиқи мукаммали илмӣ қарор гирифтааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва пешниҳоди илмию методӣ барои хониши курсҳои махсус доир ба ислоҳоти соҳаи маорифро дар ҳама зинаҳои таҳсилот, алалхусус, таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва типҳои нав, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар курсҳои асосӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Дар амалия истифода намудани ислоҳоти соҳаи маориф, татбиқи низоми нави таълим, аз қабили истифодаи технологияҳои инноватсионии раванди таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот пурмаҳсул гардонида шуда, ҳавасмандии омӯзгор ва хонандаро ба дарс зиёд мегардонад. Натиҷаи таҳқиқот ба кормандони соҳаи маориф дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, алалхусус мураббиён ва омӯзгорони муассисаҳои томактабӣ, миёнаи умумӣ ва типҳои нав, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ барои баланд бардоштани сифати кори таълиму тарбия ёрии амалӣ мерасонад.

Докторант ҳангоми таълифи диссертатсия асосноккунии назариявии методологӣ, кушода додани мафҳумҳои асосӣ вобаста ба роҳандозӣ,

татбиқи таърихи ислоҳоти соҳаи маориф ва рушди он дар Тоҷикистони соҳибистиқлолро пешниҳод намудааст.

Диссертатсияи тақризшаванда аз лиҳози мазмун, муҳтаво ва сохтори худ аз муқаддима панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалӣ ва руйхати адабиёти истифодашуда (347 номгуй) иборат буда, 370 саҳифаи матни компютериро дар бар мегирад. Нақшаҳои кор бо диаграммаҳо, ҷадвалҳо ва расмҳо натиҷаҳои таҳқиқотро мукаммал менамоянд.

Докторант дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои амалӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи (предмет) таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот), давраи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсияро пурра баррасӣ намудааст.

Муаллиф дар боби якуми рисола, ки бо унвони «Таърихнигории таърихии ислоҳоти соҳаи маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлол» номгузорӣ гардидааст, оид ба таҳлили таърихнигории таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар солҳои истиқлолият маълумоти саҳеҳ додааст.

Диссертант қайд менамояд, ки ислоҳоти соҳаи маориф яке аз масъалаҳои муҳим дар ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад. Барои дар амал татбиқ намудани он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста, чораандешӣ намуда барои гузаштан ба низоми салоҳиятнокӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои ибтидоӣ, миёна ва олии

касбӣ шароитҳои заруриро фароҳам овардааст, ки ҷанбаҳои гуногуни он дар асарҳои муаррихон ва дигар мутахассисони соҳа инъикос ёфтааст.

Дар натиҷаи таҳқиқот диссертант қайд менамояд, ки ислоҳоти ҳадафманди соҳаи маорифи мамлакат, дар заминаи сиёсати оқилонаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳамчунин, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидиро дорост. Аз ин нуқтаи назар, таҷдиди назар намудани вазъ ва рушди ҳамаи зинаҳои таҳсилот, махсусан таърихи раванди низоми таҳсилоти салоҳиятнокӣ ва таҳсилоти кредитӣ дар замони муосир яке аз масъалаҳои муҳимми рӯз ба ҳисоб меравад.

Диссертант дар боби дуюми рисола «Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар шароити нави иқтисодию иҷтимоӣ» бештар хусусиятҳои хоси муассисаҳои томактабии давлатиро дар замони Истиқлол мавриди пажуҳиш қарор дода қайд менамояд, ки мақсади фаъолияти муассисаҳои томактабӣ инкишофи ҷаҳонбинии тарбиятгирандагон бо баинобатгирии хусусиятҳои хоси миллӣ, нигоҳдошти саломатии ҷисмонӣ ва руҳии тарбиятгиранда, таъмини рушди ҳамаҷонибаи кӯдаки хурдсол дар асоси ҳамкорӣ бо оила ва аҳли ҷомеа мебошад. Хулосаҳои боб ҷанбаи қавии илмӣ доранд.

Боби сеюм «Гузариш ба низоми нав дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» ном дошта, муаллиф кушиш ба харҷ додааст, ки проблемаҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣро дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф таҳқиқ намояд.

Соли 1992 дар соҳаи маориф қисме аз чорабиниҳои банақшагирифта шуда иҷро нагаштанд. Ибтидои соли хониши 1992-1993 дар шаҳри Душанбе, бархе аз ноҳияҳои тобеи марказ ва вилояти Хатлон ва дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, асосӣ ва миёнаи умумӣ дарсҳо қатъ гардиданд. Ин ҳолат низому раванди таълиму тарбияро дар ҳамаи намуди зинаҳои таҳсилот халалдор намуд.

Таъсиси Комиссияи оштии миллӣ соли 1997 яке аз икдомҳои дурандешона ва такрорнашавандаи Сарвари давлат буд, ки дар оянда сулҳу оромиро дар кишвар таъмин намуд. Ҳалли ҳамаи ин мушкилот ба як нафар ҷавони ба арсаи сиёсат нав қадамгузошта осон набуд. Аммо ҷасорат, матонат, ҳисси баланди масъулияти роҳбарӣ ва эҳтирому садоқат ба Ватан, ин сарзамин, ин хоку бум Эмомалӣ Раҳмонро водор намуд, ки шабонарӯзӣ меҳнат намояд, дар сатҳҳои баланди байналмилалӣ баромад кунад ва Ватани азизашро аз вартаи парокандашавӣ ва гирдобҳои даҳшатбори сиёсӣ озод намояд.

Пажуҳишгар раванди ислоҳоти ҳадафноки пайгиронаи соҳаи маорифро дар сиёсати Ҳукумати мамлакат, ки мавқеи муҳим дорад, пайваста мавриди баррасӣ қарор додааст. Таъмини компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишварро, ки талаботи замони муосир буд ба риштаи таҳлил кашидааст, ки масъалаи мазкур актуалӣ буда, иҷрои он мавқеи созандаро барои пешрафти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар худ таҷассум мекунад.

Дар даврони Истиқлол зина ба зина рушд ёфтани муасссаҳои таҳсилоти умумӣ ба назар мерасанд. Аз ҳамин нуқтаи назар баррасӣ намудани паҳлуҳои асосии он дар рисола равшан ба мушоҳида мерасад.

Муҳаққиқ раванди босуръат рушд ёфтани муассисаҳои типи навро мавриди баррасӣ қарор дода зикр мекунад, ки агар соли таҳсили 1991-1992 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ як гимназия фаъолият дошта бошад, пас дар соли хониши 2020-2021 дар ҷумҳурӣ 75 гимназия ва 81 литсей фаъолият менамуд, ки дар муқоиса ба 30 соли пеш 74 гимназия ва 81 литсей зиёд аст ва дар ин самт пешравиҳо зиёданд.

Арзёбии хусусиятҳои хоси низоми таълими салоҳиятнокӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ мавриди таҳқиқ қарор гирифта мафҳум ва зарурияти таълими салоҳиятнокӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст, зеро дар шароити муосир оид ба муносибати босалоҳият, ба

омӯзиши фанҳои дақиқ тавачҷуҳи ҷиддӣ дода мешавад, чунки дар асри XXI кашфу ихтироот маҳз дар ҳамин самтҳо сурат мегиранд.

Дисертант дар натиҷаи таҳқиқи муассисҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба хулосае меояд,ки масъалаи рафти бозсозии низоми соҳаи маориф идома ёфта, бештар ба масъалаҳои ислоҳот диққат дода шудааст. Дар ин давра проблемаи тартиб додани Консепсияи нави таҳсилот ба миён гузошта шуд, ки дар натиҷа, зарурияти тартиб додани нақшаю барномаҳои таълим ва дастуру китобҳо аз нигоҳи нав ба вуҷуд омаданд.

Боби чорум рисола «Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф» дар замони Истиқлол баррасӣ шуда, оид ба раванди пешравӣ ва дастовардҳои назаррас дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ дар баъзе аз омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ вобаста ба талаботи замони муосир ихтисосҳои нав, аз ҷумлаи кафшергари газию барқӣ, сохтмончӣ, ронандагӣ ва занбӯри-асалпарварӣ ба роҳ монда шуданд.

Бо назардошти талаботи ҷомеаи пешрафтаи ҷаҳонӣ ва баланд бардоштани мақоми муассисаҳои таълимӣ бо қарори Ҳукумати ҶТ - 02.11.2012, номи омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникии ҷумҳурӣ ба литсейҳои касбии техникӣ, техникум ва омӯзишгоҳҳо ба коллеҷҳо иваз карда шуданд.

Сифати таълим ва таъмини кадрии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ дар равияҳои омӯзгорӣ, тиббӣ, техникӣ, технологӣ, кишоварзӣ, фарҳанг, ҳуқуқ ва варзиш дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф», мушкилоти вуҷуддошта таҳқиқ шуда, роҳҳои ҳалли он дар ин самт баён гардидаанд.

Ба назари диссертант тасдиқи «Консепсияи давлатии ислоҳоти соҳаи таҳсилот ва таълими ибтидоии касбӣ» дар мамлакат қадами нав дар

самти таҳсилоти ибтидоии касбӣ буда, имкон фароҳам овард, ки ислоҳот дар ин зинаи таҳсилот тибқи талаботи замон амалӣ гардад. Инчунин, қарори Ҳукумати ҶТ аз 1-уми ноябри соли 2006 «Дар бораи Нақшаи миллии фаъолият оид ба ислоҳоти соҳаи таҳсилот ва таълими ибтидоии касбии ҶТ барои солҳои 2006-2015» барои боз ҳам пурзӯр шудани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат намуд.

Норасоии китобҳои дарсӣ ва тахассусӣ яке аз мушкилиҳои асосии муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ҷамъбасти боби сеюм камбудиҳои вуҷуддошта зикр мешаванд. Аз ҷумла:

- литсейҳои касбӣ-техникии ноҳияи Қубодиён, ноҳияи Панҷ, ноҳияи Фархор, ноҳияҳои Ховалинг, Ашт, Зафаробод, Деваштич, Лахш, Б. Ғафуров ва саноати кӯҳии ш. Исфара заминаи моддӣ-техникӣ надошта ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ нестанд;

- теъдоди компютер ва дигар воситаҳои нави техникӣ ва технологияи навин дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ниҳоят кам буда, техникаҳои таълимӣ дар ҳолати корношоям қарор доранд ва ғайра.

Дар боби панҷум, ки «Низоми фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф» унвон гирифтааст, дисертант роҷеъ ба масъалаи раванди ислоҳоти фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар мисолҳои дақиқи оморӣ ва бойгонӣ таҳлили муфассалро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Зимни таҳқиқи масъала муаллиф ба хулосае меояд, ки дар самти соҳаи таҳсилоти олии касбӣ камбудиҳои зиёд буданд, ки барои бартараф кардани онҳо як қатор асноди меъёрии ҳуқуқӣ қабул шуднд. Аз ҷумла, «Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти олии касбии ҶТ», «Тартиби таҳия, тасдиқ ва мавриди истифода қарор додани Стандарти

давлатии таҳсилоти олии касбии ҶТ» ва «Стандарти давлатии маълумоти олии касбӣ» ва ғайраҳо.

Ба ақидаи муаллиф қисми муҳимми таркиби ислоҳоти соҳаи маориф, бо мутахассиси баланд сифат таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ба ҳисоб мерафт. Бо мақсади татбиқи ин масъала Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низоми муайяни қабули духтарон ва писарони лаёқатмандро тибқи квота ба роҳ монд. Чорраҳои андешида шуда дар таъмини омӯзгорони ноҳияҳои дурдасти мамлакат саҳми босазо гузошт ва гузошта истодааст.

Ҳамзамон дар боби мазкур ташаккул ва рушди низоми кредитии таҳсилот, заминаи ба вуҷуд омадан ва рушди низоми кредитии таҳсилот дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ таҳлил шудааст.

Дар ҷамъбасти боби панҷум диссертант хулосае меояд, ки дар муддати 20 соли амалӣ гардидани низоми кредитии таҳсил, тадриҷан ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ зина ба зина ба низоми мазкур гузашта, мазмун ва мундариҷаи барномаҳои асосии таҳсилот (Стандартҳои давлатии таҳсилот аз рӯйи ихтисосҳо), нақшаҳои таълимии заминавӣ, нақшаҳои таълимии корӣ, нақшаҳои таълимии инфиродӣ, барномаҳои таълимии фан, барномаҳои кории таълимии фан (силлабус), таҳияи комплексҳои методӣ-таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимиро дар шакли электронӣ таҳия намуданд.

Дар диссертатсия дар баробари муваффақиятҳо қисман камбудиву норасиҳо мавҷуданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

1. Хуб мешуд, ки дар баробари баррасии паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дигар асарҳояш, ки ба соҳаи маориф бахшида шудаанд, пурратар таҳқиқ мешуданд.

2. Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар шароити нави иқтисодию иҷтимоӣ дар диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аммо

хусусиятҳои хоси фарққунандаи муассисаҳои томактабии давлатӣ аз муассисаҳои томактабии ғайри давлати пурратар бо факту далелҳо нишон дода нашудааст.

3. Раванди ислоҳоти маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар муассисаҳои то мактабӣ, таҳсилоти миёнаи умум, типи нав, таҳсилоти ибтидои миёна ва олии касбӣ дар як кори диссетатсиони ба риштаи таҳлил кашидан бисёр проблемаи фаррох аст. Беҳтар мебуд, ки раванди ислоҳотро ё дар муассисҳои то мактатбӣ ва миёнаи умумӣ ва ё дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидои, миёна ва олии касбӣ таҳқиқ менамуданд.

4. Хуб мешуд, ки раванди ислоҳоти соҳаи маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар муқоиса бо раванди ислоҳоти соҳаҳои маорифи Иттиҳоди давлатҳои мустақил мавриди таҳлил қарор медод.

5. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар кори диссертатссионӣ ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳоро ҳангоми нашри моногрфия ҳатми медонем.

Қисмати хотимавии тақриз. Камбудиҳои номбаршуда ислоҳпазир буда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисолаи илмиро кам намекунад. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффакият иҷро намудааст. Диссертатсия ва автореферати диссертатсия аз нигоҳи сохтор, ҳаҷм, мундариҷаву муҳтаво ва мазмун ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо кори илмӣ-таҳқиқии комилан анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Каримзода Мусо Бобишо муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати хуби илмии диссертант гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» ба ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35, 37-и «Тартиб додани дараҷаҳои

илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағиру иловаҳояш аз 26-уми июни соли 2024, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 6.1.-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**


Доктори илмҳои таърих, профессори

кафедраи таърихи халқи тоҷики

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Абдуллоев М.Х.


Имзои профессор М. Абдуллоевро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.А.

«9»06 с.2026


Нишонӣ: 735360 шаҳри Кӯлоб,

кӯчаи С. Сафаров, 16.

Тел: (83322) 23506